*Иброҳим Халилов, таҳлилгари сиёсӣ*

# ШАБАКАҲОИ ИҶТИМОӢ ВА ТАЪСИРИ ОНҲО БА ТАФАККУРИ ҶАВОНОН

Дар ҷаҳони муосир шабакаҳои иҷтимоӣ як ҷузъи ҷудонашавандаи тамоми табақаҳои аҳолӣ аз ҷумла ҷавонон гардидааст. Онҳо натанҳо василаи муоширāт, балки манбаи асосии иттилоот барои насли наврас ва кулли ҷомеа ба ҳисоб меравад. Шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун дастовардии инсоният аз як ҷониб агар барои беҳтар намудани робита бо ҷомеа, ташаккул додани афкори ҷамъиятӣ хизмат намоянд, аз ҷониби дигар як қатор хавфу хатарҳоро ба вуҷуд оварда истодаанд. Аз ин бармеояд, ки таъсири шабакаҳои иҷтимоӣ ба тафаккури ҷавонон дорои ҳам ҷиҳатҳои мусбӣ ва ҳам ҷиҳатҳои манфӣ мебошад. Манфиатовар он аст, ки шабакаҳои иҷтимоӣ имконияти гирифтани дониш, иттилоот ва таҷрибаро фароҳам меваранд. Шабакаҳои иҷтимоӣ дар навбати худ хусусияти тиҷоратӣ низ доранд, ки биёре аз соҳибкорон хизматрасониҳои худро тавассути онҳо таблиғ менамоянд ва мизоҷон пайдо мекунанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ як абзори дурусти технологӣ мебошанд, ки метавонанд ба ҷомеа манфиати зиёд оваранд. Муҳим он аст, ки истифодабарандагон онро бо тарзи дуруст ва огоҳона истифода баранд.

Бо вуҷуди фоидаовар буданашон таъсири манфии онҳоро низ бояд ба инобат гирифт. Истифодаи аз ҳад зиёди онҳо метавонанд боиси вобастагӣ гарданд ва ин сабаб мешавад, ки вахти зиёде бефоида сарф гардида ба омӯзиш ё дигар кору фаъолияти инсонҳо таъсири манфӣ расонида шавад. Шабакаҳои иҷтимоӣ муносибат, рафтор афкор ва ҳатто саломатии равонии одамонро метавонанд тағйир диҳанд. Дар шабакаҳо маълумотҳои носаҳеҳ зуд паҳн мегарданд, ки метавонанд ба ҷомеа зарар расонанд. Инчунин шабакаҳо дар навбати худ метавонанд ба ҳаёти шахсии одамон зиён оранд. Агар онҳо маълумоти шахсии худро бидуни эҳтиёт паҳн намоянд, мумкин аст мавриди сӯистифода қарор гиранд.

Ғайр аз ин гуфтан мумкин аст, ки дар шароити имрӯза шабакаҳои иҷтимоӣ воситаи асосии ҷангҳои иттилоотию идеологӣ ба ҳисоб меравандд. Ҷангҳои иттилотӣ ва идеологӣ афкори ҷомеаро дигаргун сохта, тавассути ахбороти бардурӯғ, таблиғу ташвиқи ғояҳои муайян, давлатҳо ва гуруҳҳои манфиатдор фикри оммаро ба нафъи худ истифода мебаранд ва вазъи сиёсию иҷтимоиро дар мамлакат хароб менамоянд. Дар шароити муосир шабакаҳои иҷтимоӣ майдони таблиғи асосии идеологияҳо гаштаанд. Ин идеологияҳо метавонанд сиёсӣ мазҳабӣ фарҳангӣ ва иҷтимоӣ бошанд. Имрӯзҳо баръакси силоҳҳои анъанавӣ ҷангҳои иттилоотӣ ва идеологӣ ҳамчун силоҳи нарм истифода

мегарданд. Инро бояд қайд намуд, ки дар бисёр кишварҳо иттилооти бардурӯғ ва ҷангҳои рақамӣ метавонанд ба натиҷаи интихобот таъсир расонанд, ки ин боиси ноороми ва паст гардидани мардум ба низоми сиёсӣ мегардад.

Мавриди зикр аст, ки дар шароити имруза шабакаҳои иҷтимоӣ воситаи асосии ҷалб намудани ҷавонон ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракатҳо ва ташкилотҳои террористию экстремистӣ гардидааст. Ин масъала тӯлли чанд соли охир аст, ки бисёр кишварҳоро ба ташвиш овардааст. Дар натиҷаи чунин фаъолияти таблиғоти қисме аз шаҳрвандон, махсусан ҷавонон дар шабакаҳои иҷтимоӣ мағзшӯӣ гардида ба доми чунин созмону ташкилотҳои фаъолияташон мамнӯъ меафтанд. Махсусан дар муқобили Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ҳуҷумҳои иттилоотӣ, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ хеле зиёд ба назар мерасанд дар фаъолияти ташкилотҳои экстремистию террористӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Одатан чунин ташкилотҳо кӯшиш менамоянд ҷавононеро ҷалб намоянд, ки онҳо дониши мукамали динӣ надошта, шуури пасти сиёсӣ дошта бошанд ва инчунин шахсоне, ки дар ҷомеа худро беқадр ҳис менамоянд ва ҷавононе, ки аз тарафи оила пуштибонӣ намешаванд эҳсоси танҳоӣ ва ҷудошавӣ онҳоро ба ин гуруҳҳои номатлуб наздик мекунад. Барои пешгирӣ аз шомилшавии ҷавонон ба гуруҳҳои экстремистию террористӣ бояд, ки сатҳи маърифат ва дониши онҳо баланд бардошта шавад то фирефтаи чунин ташкилотҳои мамнӯъ нагарданд.

Бояд қайд намуд, ки шабакаҳои иҷтимоӣ василаи паҳн гардидани фарҳангӣ бегона низ ба ҳисоб меравaнд. Ин раванд метавонад ба ҳувияти миллӣ, арзишҳои анъанавӣ ва тарзи ҳаёти ҷомеа таъсири ҷиддӣ расонад. Аксарияти наворҳое, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ паҳн мегарданд, мазмуни на он қадар хубро таҷассум мекунанд. Ин ҳолат метавонад ба мафкураи ҷавонон таъсири баде расонад, зеро онҳо дар натиҷаи тамошо намудани чунин наворҳои оҳиста оҳиста ба онҳо майл менамоянд, ба монанди гуш намудани мусиқиҳои бегона пушидани либосҳои ғайритоҷикона, гуфтор ва рафтори худро тағйир медиҳанд. Дар чунин ҳолат ҷавононон метавонанд худро ба фарҳанги хориҷӣ нисбат диҳанд ва аз фарҳанги худ эҳсоси камбуд ё қафомонда будан намоянд, ки ин раванд метавонад сабаби коста гардидани ҳувияти миилӣ гардад.

Дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ҳамчун воситаи пуриқтидор дар ташакули афкор, рафтор ва ҷаҳонбинии ҷавонон нақши марказӣ доранд. Бо истифодаи дуруст шабакаҳо метавонанд муҳити муносиб барои рушди истеъдод, густариши дониш ва таблиғи фарҳанги миллӣ бошанд. Истифодаи нодурусти онҳо бошад баръакс метавонад ҷавононро гумроҳ намуда, оқибатҳои нохушро дар ҷомеа ба бор орад. Ба ҷавонон бояд тарзи дурусти истифодаи шабакаҳоро омӯзонид, то онҳо фаҳманд чи гуна муҳтаворо қабул кунанд ва чи гуна арзишҳо ва фарҳанги худро ҳифз намоянд.

https://www.facebook.com/share/p/1BRXfW1CUk/